# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба кори диссертатсионии **Ёрматзода Алишер Ҷолмат** дар мавзуи «**Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон**», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, пешниҳод шудааст.

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 22 августи соли 2025, №15.3 «Оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёрматзода Алишер Ҷолмат»**

Диссертатсияи **Ёрматзода Алишер Ҷолмат** дар мавзуи «**Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон**», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз **аз 10 майи соли 2025**, №15.1 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Ёрматзода Алишер Ҷолмат соли 2010 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси "Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ" дохил шуда, онро соли 2015 бо ихтисоси педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ хатм кардааст (диплом №ДТО №0177592).

Ёрматзода Алишер Ҷолмат бо фармоиши №220 аз 24.12.2015 ба таълими ғоибонаи зинаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дохил гардида, онро бо фармоиши №184 аз 27.01.2020 хатм намудааст.

Фаъолияти кории худро аз соли 01.09.2015 ба ҳайси ассистенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ шуруъ намудааст. Аз 01.10.2029 ба вазифаи муаллими калони кафедраи мазкур интихоб гардидааст.

Ёрматзода Алишер Ҷолмат аз 10.09.2022 ба ҳайси мутахассиси маркази таҳсилоти фосилавӣ, аз 8.04.2024 ба ҳайси муовини декан оид ба илм, инноватсия ва робитаҳои байналмилалӣ таъйин гардидааст.

Мавзуи рисолаи номзадии худро аз 29.05.2018, №10/4-9 дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тасдиқ намуда, зери роҳбарии д.и.п., профессор Иззатова М.И. ба фаъоияти илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардидааст.

Бинобар сабаби истеҳсолӣ, яъне иваз гардидани роҳбари илмӣ ба мавзуи илмии худ бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 31.05.2023, №10/4-19 тағйирот ворид кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 33 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз он 13-то мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ёрматзода Алишер Ҷолмат муҳокимаи рисолаи илмии худро дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика аз 17.09.2024, №1 гузаронида аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ёрматзода Алишер Ҷолмат имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар таърихи 02.07.2018 бо баҳои хуб, аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар таърихи 02.07.2019 бо баҳои хуб ва Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот санаи 07.04 2022 бо баҳои аъло супоридааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 17.05.2022, №5 додааст.

Шурои диссертатсонӣ дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ аз 3-юми июни соли 2025, суратҷаласаи №15.2. диссертатсияро барои ҳимоя иҷозат додааст.

Эълон оид ба ҳимояи рисола ва автореферат дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар бахши «Шурои диссертатсионӣ» дар зерсаҳифаи эълонҳо аз 7-уми июни соли 2025 ва дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми июни соли 2025 ҷойгир карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия тибқи феҳрист 17-уми августи соли 2025 ирсол гардидааст.

Диссертатсия ва автореферати он аз низоми Антиплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матнҳо мутаносибан ба 82,06% (бо назардошти иқтибосҳо 90,78%) ва 94,56%-ро ташкил медиҳад.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳодшуда тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarda шуда, дар парвандаи аттестатсионии ӯ маҳфузанд.

**Роҳбари илмӣ: Иззатова** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва му**қаризони расмӣ: Раҳимзода**

**Хуррам** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ходими пешбари шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, **Саидов Сулаймон Шохолмаҳмадович** –номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давалатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, **Муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат баҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** –Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат тақризи дода, онро бо имзоҳои раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва психология Ғафурова Дилором Ҷаборовна, ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психология Наботов Шеравгон ва котиби ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ Саидова Ҷамила бо суратҷаласаи №11 аз 30.06.2025 таҳия шуда, аз ҷониби ректори муассиса профессор Хайрзода Шукрулло аз 30.06.2025 тасдиқ карда шудааст.

Мазмуни тақриз мусбат буда, дар он мубрамияти мавзуъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

Аз тақризи муассисаи пешбар бармеояд, ки дар рисола дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати пажуҳишоти оянда хоҳад буд:

1. Зербоби якуми боби якум дар бораи Тавсифи асосии мафҳуми худшиносӣ ҳамчун падидаи фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ номгузори шудааст аммо мафҳуми худшиносӣ аз ҷиҳати фалсафӣ дар ин зербо аз тарафи муҳаққиқ кам этибор дода шудааст.
2. Кадом намуди технологияи ҳамкори дар баланд бардоштани тарбияи худшиноси хонандагон истифода бурдан даркораст аст.
3. Хуб мешуд, ки диссертант боз ҳам дар рафти таҳқиқи масъала аз андешаҳо пиромуни собиқадорон, шахсиятҳои муътабари ҷомеа, адабиёти ёддоштии вобаста ба замони муоссир ва маълумоти пусуҷӯӣ бештар истифода мебурд.
4. Дар диссертатсия камбудиҳои ночизи техникӣ, имлоӣ ва китобати ба назар мерасанд.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд мекунанд, ки эродҳои дарҷшуда, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонида, баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Диссертант метавонад ин эродҳоро дар таҳқиқоти минбаъда барои боз ҳам пурратар ва васеътар фаро гирифтани таҳқиқ ба кор барад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**5 номгӯйи мақолаҳои илмии** зерини довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Таъсиррасонии дастаҷамъона дар тарбияи хештаншиносии наврасону ҷавонон [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №3/7 қисми 1. – Душанбе, 2017. – С. 279 – 281.

[2-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Нақши коллективҳои педагогӣ, оила ва аҳли ҷомеа дар раванди тарбияи хештаншиносии хонандагон [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №1.– Душанбе, 2018. – С. 291 – 294.

[3-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Таъсиррасонии тарбиявии коллективҳои педагогии мактаб, оила ва ҷомеа дар ташаккули хештаншиносии хонандагон [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №9.– Душанбе, 2018. – С. 207 – 212.

[4-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Нақши коллективҳои педагогӣ, оила ва аҳли ҷомеа дар тарбияи хештаншиносии хонандагон [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №1.– Душанбе, 2019. – С. 274 – 280.

[5-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Нақши афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик дар тарбияи худшиносӣ, худогоҳӣ ва хештаншиносии наврасону ҷавонон [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №8.– Душанбе, 2019. – С. 247 – 252.

[6-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Содействие самосазнания и самопознания молодого поколения [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2578–618X) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №11(39).– Душанбе, 2020. – С. 59 – 67.

[7-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Заминаҳои асосии омода намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар рӯҳияи хештаншиносӣ тавассутиомӯзиши осори мутафаккирон [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов, Мирзоев А.Р. // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №8.– Душанбе, 2021. – С. 287 – 294.

[8-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Тавсифи асосии мафҳуми хештаншиносӣ ҳамчун падидаи адабӣ, фарҳангӣ ва педагогӣ [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов, Г. Иброҳимов // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №10.– Душанбе, 2021. – С. 284 – 289.

[9-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Нақши омӯзгорон ва хонандагон дар муҳайё намудани шароити асосии тарбияи худшиносии мактабиён [Матн] / А.Ҷ.

Ёрматов // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №1.– Душанбе, 2022. – С. 278 – 285.

[10-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Ташаккулёбии муносибати байнишахсии хонандагон дар коллектив тавассути тарбияи иҷтимоӣ [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов, Қ.С. Оқилова // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №3.– Душанбе, 2022. – С. 255 – 261.

[11-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Андеша ва хулосаҳо дар бораи худшиносии хонандагон [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №1, 2024. - С. 265-273. ISSN 2074-1847.

[12-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Омилҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараѐни таълим ва корҳои беруназсинфӣ [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2616-5260) Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (илмҳои педагогӣ) №1 (34), 2024. – С. 265 – 270.

[13-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Масъалаи худшиносии миллӣ аз нигоҳи мутафаккирону олимони шинохтаи таоҷик [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2616-5260) Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (илмҳои педагогӣ) №1 (34), 2024. – С. 278 – 285.

**Ба автореферати диссертатсия 3 тақриз аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:**

1. Доктори илмҳои педагогӣ, директори МДТ "Литсей касбии техникии ноҳияи Шаҳринав"Давлатзода Ҷамила
2. Номзади илмҳои педагогӣ, ходими калони илмии Осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Абдуллов Ҷамолиддин;
3. Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии психологияи Донишгоҳи давлатии Омӯзгорӣ ба номи Садриддин Айнӣ Олимов Тағойбек;

Ҳамаи 3 нафар муқарризони автореферати **Ёрматзода Алишер Ҷолмат** дар тақризи худ мубрамии таҳқиқот ва арзиши илмии онро тасдиқ намудаанд.

Ҳамин тавр, дар асоси 3 тақризи озоди пешниҳодгардида, маълум гардид, ки автореферати диссертатсияи **Ёрматзода Алишер Ҷолмат** дар мавзуи «**Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002, аз 3-юми июни соли 2025, №15.2 тибқи банди 61 Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи довталаби дараҷаи илмӣ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

1. Андешаҳои консептуалӣ оид ба тарбияи худшиносии хонандагон бо истифодаи андешаҳои мутафаккирони адабиёти тоҷику форс вобаста ба талаботи пешрафти ҷомеаи муосир таҳлилу баррасӣ гардидаанд, коркард шуд.

2. Асосҳои педагогии фаъолияти якҷояи муассисаҳои таълимӣ ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷиҳати назариявӣ таҳлил ва технологияи амалигардонии он ба таври озмоишӣ таҳқиқу баррасӣ карда шудааст.

3. Роҳу усул ва технологияи педагогии фаъолияти муштараки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагон коркард ва мавриди озмоиш қарор дода шуда, самаранокии он исбот карда шуд.

4. Дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва натиҷагирӣ аз кори таҷрибавӣ-озмоишӣ мазмуни фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагон муайян ва тавсияҳои методӣ барои самарабахшии ин раванд коркард гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Мафҳуми худшиносӣ падидаи фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ буда, тарбия ва ташаккули он ҳамчун вазифаи муҳимми муассисаҳои таълимӣ дар ҳамкорӣ бо оила имконпазир аст.

2. Дар раванди тарбияи худшиносии хонандагон, омӯзгорон ва волидон аз осори мутафаккирони адабиёти тоҷику форс, маводҳои таълимии фаннӣ истифода намуда, дар бартараф кардани мушкилиҳо ҳамкорӣ менамоянд.

3. Амалӣ гардондани технологияи педагогии ҳамкории омӯзгорони МТМУ бо оила бо роҳи ташкилу баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ баҳри беҳтар гардидани сатҳу сифати худшиносии хонандагон мусоидат менамояд.

4. Тарбия ва ташаккули худшиносии хонандагон дар ягонагӣ бо фаъолияти таълимӣ тавассути корҳои тарбиявии берунazсинфӣ дар алоқамандӣ таъмин карда мешаванд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот:** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар такмили назарияи илмии фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ оид ба тарбияи худшиносӣ ифода ёфта, нуктаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Андешаю ғояҳои мутафаккирони адабиёти тоҷику форс ҳамчун асоси методологии таҳқиқот аз ҷиҳати назариявӣ дар педагогикаи муосир, махсусан, тарбияи худшиносии хонандагони МТМУ таҳлил карда шуд.

2. Исбот карда шуд, ки тарбияи худшиносии хонандагон раванди педагогии ягонаи таъсиррасони МТМУ ва оиларо талаб менамояд ва иҷрои ин вазифа дар асоси технологияи педагогии ҳамкории ин ду ниҳоди иҷтимоӣ амалӣ мегардад.

3. Аниқ карда шуд, ки раванди тарбияи худшиносии хонандагон раванди мураккаб буда, низоми ҳамкории доимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оиларо талаб намуда, дар он фаъолияти таълимӣ ва беруназдарсӣ, яъне ҳангоми ташкилу баргузории корҳои беруназсинфӣ амалӣ карда мешавад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот**. Волидону омӯзгорон дар фаъолияти худ аз технологияи ҳамкории МТМУ ва оила, ки онро муҳаққиқ таҳия ва амалӣ гардонидааст, ба таври эҷодӣ, вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии хонандагон ба таври эҷодӣ дар раванди таълим ва фаъолияти беруназсинфии хонандагон истифода бурда, таҷриба ва фарҳангу маърифатии тарбиявии хешро қавӣ мегардонданд. Он инчунин дар тарбия ва ташаккули ҳисси хештаншиносӣ, ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, ки аз талабати Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» (2022) бармеояд, мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро ҳангоми таълими фанҳои «Педагогика», «Технологияи педагогӣ», «Таърихи педагогикаи халқи тоҷик» ва дигар фанҳои тахассусӣ дар коллеҷ ва донишгоҳҳои омӯзгорӣ, курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони соҳаи маориф, иҷрои корҳои курсӣ, рисолаҳои хатмкунӣ, магистрӣ, ташвиқу тарғиби донишҳои педагогӣ ва баланд бардоштани фарҳанги тарбиявии волидон истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро инҳо таъмин намуданд: истифодаи заминаҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, асосноккунии усулҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, ки ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат менамоянд, таҳлили шароиту имкониятҳои ҳамкории педагогии МТМУ бо оила, натиҷагирӣ аз кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, тасдиқи андешаҳо, ки дар фарзия ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда ифода ёфтаанд, интихобу истифодаи методҳои таҳқиқотии мувофиқ бо мақсади таҳқиқот ва таҳлилу баррасии миқдори сифатии маълумоти бадастоварда.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** Оид ба муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, аниқ намудани масъалаҳои мубрами таҳқиқот, бо ҳам мантиқан алоқаманд намудани масъалаҳои асосии он, дар омезиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводҳо, истифодаи маҷмуи методҳои самарабахши таъсиррасон ва коркарду татбики технологияи педагогии ҳамкории МТМУ ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагон, натиҷагирӣ аз корҳои таҷрибавӣ- озмоишӣ, пешниҳоди усулҳои самарабахши тарбияи худшиносӣ дар иртибот бо омӯзгорону падару модарон, ҳиссагузорӣ ба назария ва амалияи тарбияи худшиносӣ ва

ватандӯстии хонандагон, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар таҳияи диссертатсия таҷассум меёбад.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Дар рафти таҳқиқот масъалаҳо оид ба мушкилот, хусусият, роҳу усули тарбияи худшиносии хонандагони МТМУ дар ҳамкорӣ бо оила коркард ва санҷида шуда, натиҷаҳои қаноаткунанда ба даст омаданд, ки онҳо дар барномаи таҳқиқотӣ ҷой дода шуда буданд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли маъруза дар семинарҳои илмӣ ва конфронсҳои илмӣ–амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (солҳои 2016 -2022) ва конференсияи илмӣ ва амалии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2019, 2020, 2021); конференсияи илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ (2021, 2021, 2022, 2023, 2024); дар конференсия–фестивали эҷодиёти илмии ҷавонон «Ҷавонон ва оянда» (2014 – 2015, Кӯлоб); конференсияи илмӣ–амалии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (2020, 2021) ироа шудаанд.

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 22 августи соли 2025, №15.3 қарор қабул кард, ки ба **Ёрматзода Алишер Ҷолмат** дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 16 нафар, аз онҳо 3 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

- тарафдори додани дараҷаи илмӣ - 14 нафар,
- муқобили додани дараҷаи илмӣ – нест;
- бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раисикунандаи ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и
назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор: Қурбонов А.Ш.

Котиби илмии Шурои Диссертатсионии 6D.КОА-002,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент: Қурбонова У.Т.

22.08.2025

ҶМ